Бо фармоиши Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___» ____ соли 2017, №_____ тасдиқ карда шудааст.

**НАМУНА:**

Дастурамали
мансабии мутахассиси шуъбаи ҳифзи муҳити зисти шаҳри Ҳисор, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

1.Муқаррароти умумӣ

1. Номи мансаб; мутахассиси шуъбаи ҳифзи муҳити зисти шаҳри Ҳисор, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи ҳафтум мансуб аст.
3. Мутахассиси шуъба аз тарафи Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин ва озод карда мешавад.
4. Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори шуъба тобеъ ва ҳисобдиҳанда мебошад.
5. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани мутахассиси шуъба иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба сармутахассиси-3 ва дар давраи муваққатан ҳозир набудани сармутахассиси-3 иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба мутахассиси шуъба вогузор карда мешавад.
6. Мутахассиси шуъба бо роҳбарони воҳидҳои сохтории Кумита, сохторҳои худудии он, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, хоҷагиҳо, сохторҳои қудратӣ ва дигар корхонаву ташкилотҳо бо мувофиқа бо сардори шуъба ҳамкорӣ менамояд.

2. Талаботи тахассусӣ

7. Барои мансаби мутахассиси шуъба талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

НАМУНА

- таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкурро таъмин карда метавонад;

- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои ухдадориҳои мансабии мутахассиси шуъбаро ба танзим медароранд;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;
- кор карда тавонистан бо компютер.

8. Талаботи махсус;
   - дониш ва малака барои истифодабарии қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»

## 3. Ухдадориҳои мансабии мутахассиси шуъба

9. Маъводҳои ба шуъба ворид ва содиршударо тибқи феҳристи шуъба ба қайд мегирад ва аз қайд мебарорад, ба кормандони масъули шуъба сари вақт дастрас намуда, аз рафти иҷрои он ба сардори шуъба ахборот пешниҳод менамояд.
10. Назорати муросилоти назоратии шуъбаро мебарад, парвандаҳо ва варақаҳои назоратии шуъбаро банду баст намуда, ҳуҷҷатҳоро пас аз назорат соқит намудан, барои ба бойгонӣ супоридан омода менамояд.
11. Назорати давлатиро дар самти ҳифзи олами наботот, ҳайвонот ва захираҳои моҳӣ пеш мебарад.
12. Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро бо супориши сардори шуъба баррасӣ менамояд.
13. Оид ба фаъолияти ҳафтаина, моҳона, семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ ба сардори шуъба дар мӯҳлатҳои муқарраргардида ҳисобот пешниҳод менамояд.

14. Бо супориши сардори шуъба дар кори комиссияҳо, гуруҳҳои кории Кумита, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои Кумита ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр иштирок менамояд.
15. Оид ба фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд, корхона, ташкилот, хоҷагӣ, бозорҳо ва дигар сохторҳо новобаста аз шакли моликияташон дар ҳудуди шаҳр вобаста ба самтҳои ҳифзи муҳити зист назорат бурда дар асоси Қонуни ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» дар ду сол як маротиба санҷиш гузаронида, дар сурати пайдо шудани қонуншиканиҳо чораҷӯӣ менамояд.
16. Дар сурати пайдо шудан ё ошкор гардидани қонуншиканӣ баъд аз соатҳои корӣ ва рузҳои истироҳатӣ вобаста ба самтҳои ҳифзи муҳити зист дар мақомоти худидоракуни шаҳрак ва деҳот, ҷамъияти дорои масуълияти маҳдуд, корхона, ташкилот, хоҷагӣ, бозорҳо ва дигар сохторҳо новобаста аз шакли моликияташон дар ҳудуди шаҳр чораҷӯӣ менамояд.
17. Ҳангоми бурдани назорат ва гузаронидани санҷишу чорабиниҳои муштарак аз тарафи шаҳрвандон, соҳибкорон, масъулин ё роҳбарони мақомоти худидоракуни шаҳрак ва деҳот, ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд, корхона, ташкилот, хоҷагӣ, бозорҳо ва дигар сохторҳо новобаста аз шакли моликияташон дар сурати саркашӣ намудан, мамоният нишон додан, ба сардори шуъба гузориш пешниҳод менамояд.
18. Дигар супоришҳои фаврии сардори шуъбаро, ки таъҷилан барои гузаронидани амалиёту чорабиниҳои муштарак пайдо мешавад иҷро менамояд.

## 4. Ҳуқуқҳои мутахассиси шуъба

19. Мутахассиси шуъба ҳуқукҳои зеринро дорад:

- аз мақомоти дахлдор маълумот ва маъводҳои барои иҷрои босифат ва саривақтии уҳдадориҳои мансабӣ зарурро бо тартиби муқарраргардида талаб намуда гирад.
- дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба уҳдадориҳои мансабии ӯ дахлдошта иштирок намояд;
- ба сардори шуъба дар доираи уҳдадориҳои мансабӣ ва вазифаҳои воҳиди сохторӣ оид ба мукаммал намудани самти кор таклиф пешниҳод намояд;

НАМУНА

- маводи дар ихтиёри шуъба қарордоштаро, ки оид ба самтҳои ӯ вобаста шудааст омӯзад ва дар мухлати муайян ба сардори шуъба ҳисобот пешниҳод намояд;

- барои бартараф намудани камбудиҳои дар самти назорати иҷрои саривақтии муросилоти воридотӣ ва содиротӣ ба сардори шуъба гузориш ва таклиф пешниҳод намояд;

- дар гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти шуъба дахл доранд, бо розигии сардори шуъба иштирок намояд;

20. Мутахассиси шуъба дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

## 5. Масъулияти мутахассиси шуъба

21. Мутахассиси шуъба масъулияти зеринро дорад;

- барои риоя накардани меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ:

- мавҷудияти мамониатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» барои таъйин намудан ба мансаб ва дар мансаб будан;

- барои риоя накардани маҳдудиятҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва «Дар бораи танзиму анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар намудаанд;

- ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд;

- барои риоя накардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

- барои пешниҳод накардан ва ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволи хизматчии давлатии маъмурӣ дар мухлатҳои муқаррargардида;

- дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд;

- барои риоя накардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

- барои пешниҳод накардан ва ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволии хизматчии давлатии маъмурӣ дар мухлатҳои муқаррargардида;

- дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

НАМУНА

22. Мутахассиси шуъба барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликият, ки барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашудаанд тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

23. Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба мутахассиси шуъба бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ супорида мешавад.
24. Ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии шуъба ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии сармутахассиси шуъба мегарданд, дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

НАМУНА

Бо фармоиши Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___» _____ соли 2017, № ___ тасдиқ карда шудааст.

**НАМУНА:**

Дастурамали
мансабии сармутахассиси шуъбаи ҳифзи муҳити зисти
шаҳри Ҳисор, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

1.Муқаррароти умумӣ

1. Номи мансаб- сармутахассиси шуъбаи ҳифзи муҳити зисти шаҳри Ҳисор, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон .
2. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи панҷум мансуб аст.
3. Сармутахассиси шуъба аз тарафи Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва озод карда мешавад.
4. Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба Сардори шуъба тобеъ ва ҳисобдиҳанда мебошад.
5. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани сармутахассиси шуъба иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба сардори шуъба ва дар давраи муваққатан ҳозир набудани сардори шуъба иҷрои уҳдадориҳои мансабиаш ба сармутахассиси шуъба вогузор карда мешаванд.
6. Сармутахассиси шуъба бо роҳбарони воҳидҳои сохтории Кумита, сохторҳои ҳудудии он, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, хоҷагиҳо, сохторҳои қудратӣ ва дигар корхонаву ташкилотҳо дар мувофиқа бо сардори шуъба ҳамкорӣ менамояд.

2. Талаботи тахассусӣ

7. Барои мансаби сармутахассиси шуъба талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:
   - таҳсилоти олии касбии экологӣ, биологӣ, заминсозӣ, муҳандис-гидротехник ё кимиёвӣ;

НАМУНА

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии сармутахассиси шуъбаро ба танзим медароранд;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;
- кор карда тавонистан бо компютер.

8. Талаботи махсус;
- дониш ва малака барои истифодабарии қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи ҳифзи муҳити зист, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия».

## 3. Уҳдадориҳои мансабии сармутахассиси шуъба

9. Лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавсияҳои методӣ омоданамудаи Кумита ва дигар мақомоти давлатӣ барои мувофиқа пешниҳод карда шудаанд, мустақилона ё дар якҷоягӣ бо дигар кормандони шуъба баррасӣ намуда, хулосаи шуъбаро омода менамояд.
10. Дар санҷиши фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилоту корхонаҳо оид ба риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи ҳифзи муҳити зист иштирок менамояд.
11. Назорати давлатиро дар самти ҳифзи ҳавои атмосферӣ ва экспертизаи экологӣ пеш мебарад.
12. Мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро бо супориши сардори шуъба баррасӣ менамояд.
13. Оид ба фаъолияти ҳафтаина, моҳона, семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ ба сардори шуъба дар мӯҳлатҳои муқарраргардида ҳисобот пешниҳод менамояд.
14. Бо супориши сардори шуъба дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои кории Кумита, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар

НАМУНА

чорабиниҳои Кумита ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр иштирок менамояд.

15. Оид ба фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд, корхона, ташкилот, хоҷагӣ, бозорҳо ва дигар сохторҳо новобаста аз шакли моликияташон дар ҳудуди шаҳр вобаста ба самтҳои ҳифзи муҳити зист назорат бурда дар асоси қонуни субъекти хоҷагидор дар ду сол як маротиба санҷиш гузаронида дар сурати пайдо шудани қонуншиканиҳо чораҷӯӣ менамояд.

16. Дар сурати пайдо шудан ё ошкор гардидани қонуншиканӣ баъд аз соатҳои корӣ ва рузҳои истироҳатӣ вобаста ба самтҳои ҳифзи муҳити зист дар мақомоти худидоракуни шаҳрак ва деҳот, ҷамъияти дорои масуълияти маҳдуд, корхона, ташкилот, хоҷагӣ, бозорҳо ва дигар сохторҳо новобаста аз шакли моликияташон дар ҳудуди шаҳр чораҷӯӣ менамояд.

17. Ҳангоми бурдани назорат ва гузаронидани санҷишу чорабиниҳои муштарак аз тарафи шаҳрвандон, соҳибкорон, масъулин ё роҳбарони мақомоти худидоракуни шаҳрак ва деҳот, ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд, корхона, ташкилот, хоҷагӣ бозорҳо ва дигар сохторҳо новобаста аз шакли моликияташон дар сурати саркаши намудан мамоният нишон додан, ба Сардори шуъба гузориш пешниҳод менамояд.

18. Дигар супоришҳои фаврии сардори шуъбаро, ки таъҷилан барои гузаронидани амалиёту чорабиниҳои муштарак пайдо мешавад иҷро менамояд.

## 4. Ҳуқуқҳои сармутахассиси шуъба

19. Сармутахассиси шуъба ҳуқукҳои зеринро дорад:

- аз мақомоти дахлдор маълумот ва маъводҳои барои иҷрои босифат ва саривақтии ухдадориҳои мансабӣ заруриро бо тартиби муқарраргардида талаб намояд.
- дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба ӯҳдадориҳои мансабии ӯ дахлдошта иштирок намояд;
- ба сардори шуъба дар доираи ухдадориҳои мансабӣ ва вазифаҳои воҳиди сохторӣ оид ба мукаммал намудани самти кор таклиф пешниҳод намояд;
- маводи дар ихтиёри шуъба қарордоштаро, ки оид ба самтҳои ӯ вобаста шудааст омӯзад ва дар муҳлати муайян ба сардори шуъба ҳисобот пешниҳод намояд;
- барои бартараф намудани камбудиҳои дар самти ҳифзи наботот, ҳайвонот, захираҳои моҳӣ ва ахбори экологӣ, оид ба иҷрои санадҳои

меъёрии ҳуқуқии соҳаи ҳифзи муҳити зист ва ворид намудани таъғиру иловаҳо ва ё беэътибор донистан таклиф пешниҳод намояд;

- дар гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти шуъба дахл доранд, бо розигии сардори шуъба иштирок намояд;

20. Сармутахассиси шуъба дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

5. Масъулияти сармутахассиси шуъба

21. Сармутахассиси шуъба дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, тартиб додан ва пешбурди делои шахсии худ;
- мавҷудияти мамониатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» барои таъин намудан ба мансаб ва дар мансаб будан;
- Роҳ надодан ба амалҳои коррупсионӣ.
- барои риоя накардани маҳдудиятҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» муқаррар намудаанд;
- барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд:
- барои риоя накардани меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ:
- барои риоя накардани талаботи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо»; «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»;
- барои риоя накардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;
- барои пешниҳод накардан ва ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволии хизматчии давлатии маъмурӣ дар мухлатҳои муқарраргардида;
- дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

22. Сармутахассиси шуъба барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликият барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгари кашида мешавад.

6. Муқаррароти хотимавӣ

23. Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми

НАМУНА

он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба сармутахассиси шуъба бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ супорида мешавад.

24. Ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии шуъба ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии сармутахассиси шуъба мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

НАМУНА

**НАМУНА:**

Дастурамали мансабии
Мутахассиси пешбари шуъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Рӯдакӣ

1.Муқарраротиумумӣ

1. Номи мансаб- мутахассиси пешбари шуъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Рӯдакӣ, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ.

2. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи шашум мансуб аст.

3.Мутахассиси пешбари шуъбаи ҳифзи муҳити зист (минбаъд мутахассиси пешбари шуъба) аз тарафи Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва озод карда мешавад.

4. Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори шуъбаи ҳифзи муҳити зист (минбаъд - сардори шуъба) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани мутахассиси шуъба ухдадориҳои мансабии ӯ ба мутахассиси пешбари шуъба ва дар давраи муваққатан ҳозир набудани мутахассиси пешбари шуъба ухдадориҳои мансабиаш ба мутахассиси шуъба вогузор карда мешавад.

6. Мутахассиси пешбари шуъба бо роҳбарони воҳидҳои сохтории Кумита сохторҳои ҳудудии он, ташкилоту идораҳо, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ ҳамкорӣ менамояд.

2. Талаботи тахассусӣ

7. Барои мансаби мутахассиси пешбари шуъба талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

- маълумоти олии касбии экологӣ, биологӣ, аграномӣ, ҷангалпарварӣ, география ва ҳифзи табиат, муҳандис-гидротехник, муҳандисии ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои обӣ;

НАМУНА

- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ.

- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии мазкурро ба танзим медароранд.

- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ

- на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассусӣ касбӣ.

- кор карда тавонистан бо компютер.

8. Талаботи махсус: дониш ва малака барои истифодабарии қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва хизмати давлатӣ.

3. Уҳдадориҳои мансабии мутахассиси пешбари шуъба.

9. Интизоми меҳнат ва тартиботи дохилии шуъбаро риоя менамояд.

10.Назорати давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист таъмин менамояд.

11.Лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тавсияҳои методии омоданамудаи дигар воҳидҳои сохтории Кумитаро мустақилона ё дар якҷоягӣ бо кормандони шӯъба баррасӣ менамояд.

12.Дар санҷиши фаъолияти субектҳои хоҷагидор оид ба риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқи дар соҳаи ҳифзи муҳити зист иштирок менамояд.

13.Мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар мувофиқа бо сардори шуъба баррасӣ менамояд.

14.Оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нӯҳмоҳа ва солонаи худ ба сардори шуъба дар муҳлатҳои муқарраргардида ҳисобот пешниҳод менамояд.

15.Мустақилона ё ин, ки дар ҳайати комиссия назоратро дар самтҳои ҳифзи муҳити зист таъмин менамояд

16.Супоришҳои дода шуда оид ба ислоҳи камбудиҳо дар корхонаҳо, ташкилоту муасисаҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ назорат менамояд.

17.Оид ба иҷрои корҳои иҷро намуда ба сардори шуъба ҳисобот пешниҳод менамояд.

НАМУНА

## 4. Ҳуқуқҳои мутахассиси пешбари шуъба

18.Мутахассиси пешбар дар салоҳияти худ ҳуқуқуҳои зеринро дорад:

- дар корхона, ташкилот, муассиса ва хоҷагиҳои кишоварзӣ новобаста аз шакли моликияташон дар самтҳои ҳифзи муҳити зист санҷишҳо мегузаронад.

19. Оид ба вайрон кардани қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз тарафи табиатистифодабарандагон санад ва протоколҳо тартиб медиҳад.

20 Ба корхонаю ташкилотҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта амрномаҳо дода, иҷрои онро талаб намояд.

21.Ба корхонаҳо, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ дар самти назорати давлатӣ, ҷарима ва зарар ҳисоб намуда, пардохти маблаға онро талаб намояд.

22.Барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ҳангоми нодуруст ҷойгиронии партовҳо нисбати вайронкунандагон чораҳои мушахас меандешад.

## 5. Масъулияти мутахассиси пешбари шуъба:

23.Мутахассиси пешбари шуъба дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

-барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, тартиб додан ва пешбурди делои шахсии худ;

-барои риоя накардани маҳдудиятҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» муқаррар намудаанд;

-барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;

- барои риоя накардани меъёрҳои муқаррар намудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ;

-барои риоя накардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

- барои риоя накардани талаботи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо»; «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»;

-барои саривакт ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ;

НАМУНА

-барои пешниҳод накардан ва/ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволии хизматчии давлатии маъмурӣ дар мухлатҳои муқарраргардида;

-дигар масъулияте, ки санадҳои маъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

24.Мутахассиси пешбари шуъба барои иҷро накардан ва/ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

## 6. Муқарароти хотимавӣ

25 Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар шуъбаи кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи бахши кадрӣ ба мутахассиси пешбари шуъба бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ супорида мешавад.

27.Ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии шуъба ва ё кумита ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии мутахассиси пешбари шуъба мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

НАМУНА